**Суратҷаласаи №14-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик)

аз 06.05.2025

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 15 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

6 майи соли 2025, соати $13^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузурии аъзои шуро дар ҷаласа 15 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём** дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик).

Диссертатсия дар шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

2. **Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Баромад намуданд:**

1. Раиси шуро: Шарифзода Ф.Х.
2. Котиби илмии шуро: Мухамедходжаева Р.
3. Унвонҷӯ: Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Юсуфов У., Назарзода С., Мақсудзода Б. ва Нуров П. ҷавоб дод.

Гузориши роҳбари илмии унвонҷӯ - номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** шунида шуд.

Гузориши муқарризони расмӣ:

1. **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2. **Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Мақсудзода Б.
2. Юсуфов У.
3. Раҳмонов Р.

4. Солеҳов М.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Назарзода С., Солеҳов М. ва Қурбонзода Р. интихоб гардиданд.

Аз 15 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 15 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани гузориши раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ**

**аз 6.05.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии **Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём** дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, суханронии муқарризони расмӣ – **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, **Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ –

докторони илмҳои филологӣ Мақсудзода Б., Юсуфов У., Раҳмонов Р. ва Солеҳов Мирзоро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём** дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба **Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём** дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба **Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём** аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

6 майи соли 2025